Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
_________________ Миралиизода А.М.
«_08_» ______________ соли 2020

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович – «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика

Нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихиест, ки вазъи сиёсии давр, забону фарҳанг, мактабу маориф, иқтисоду тиҷорат, сатҳи зиндагӣ, тамоюлоти сиёсию фарҳангӣ ва динию ахлоқии ҷомеаи Аморати Бухоро ва махсусан миллати тоҷикро дар оғози садаи ХХ бозгӯ намудааст.

Бешубҳа, таҳқиқ ва арзёбии масъалаи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» имкон медиҳад, ки дар заминаи маводи мушаххаси публитсистиву илмӣ равишҳои асосии назарӣ ва амалии зуҳури унсурҳои жанрсози публитсистика, ташаккул ва таносуби истифодаи жанрҳои публитсистии матбуоти тоҷик муайян карда шавад. Таҳқиқи мавзӯъ барои ҷустуҷӯҳои илмии муҳаққиқону мунаққидон, алоқамандони таъриху назарияи матбуоти даврии тоҷик ва пажӯҳишгарони афкори иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳаёти ҷамъиятиву адабӣ ва публитсистии ин давра чун маводи мушаххаси илмӣ мусоидат мекунад.

Мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» то имрӯз дар илми публитсистикаи тоҷик ба шакли тадқиқи алоҳидаи диссертатсионӣ арзёбӣ нашуда, диссертатсияи мазкур таҷрибаи аввал буда, мавзӯъҳои дигари баррасишавандаи он низ дар диди нав дар самти таҳқиқот мебошанд.

Диссертант дар раванди пажӯҳиши аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф», масъалаҳои шакливу сохтории нашрия, омилҳои зуҳур ва ташаккули жанрҳои публитсистӣ, ҷараёни ташаккули жанрҳои хабар, репортаж, мусоҳиба, мухбирнома, мактуб, мақола, лавҳа, фелетон ва вижагиҳои жанрҳои адабии дорои оҳанги иҷтимоӣ ва нақши рӯзнома дар бедорӣ ва таҷаддудгароии мардум, ҳифзи манофеи фарҳангию миллӣ, ташаккули жанрҳои публитсистӣ, мактаби эҷодӣ ва таъсири мактаби эҷодии «Бухорои шариф» ба нашрияҳои пасояндро таҳлилу равшан сохтааст.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович таҳқиқоти муҳим ба ҳисоб меравад. Таълифоти то ин замон дар ин замина анҷомёфта тарзу тариқ, хусусият ва равиши жанрҳои публитсистиро дар мабнои маводе, ки «Бухорои шариф» нашр кардааст, фаро нагирифтаанд. Ин ҳолат зарурати тадқиқи нақши рӯзномаро дар инъикоси масъалаҳои муҳимми давр ва ташаккули аносири жанрҳои публитсистиро ба миён мегузорад.

Дар диссертатсия омилҳои зуҳур ва ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» баррасӣ гардидааст, ки дар баробари мушаххас намудани ташаккули иддае аз жанрҳо, инчунин унсурҳои жанрии маводи нашрия шиносоӣ шудааст. Ин раванд бо назардошти дастовардҳои навини афкори таъриxиву адабии муосир анҷом ёфта, асоситарин сарчашмаи таҳқиқоти диссертатсиониро нусхаҳои электронии нашрия ташкил намудааст. Аз ин рӯ, барои ба ҳадафҳои асосӣ расидан ба ҳалли масъалаҳои зерин диққат дода шудааст:

- Ҳадафи таҳқиқ тариқи таҳлилу баррасиҳои илмӣ муайян намудани аносири жанрҳои публитсистию бадеӣ ва таносуби онҳо дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ва арзёбии масъалаҳои ба заминаҳои гуногуни пайдоиши рӯзнома, нишон додани вазъи иҷтимоию сиёсии давр, таъсису ташкили фаъолияти нашрия, таҳлилу арзёбии сохтори нашрия бо назардошти шаклу намо, рубрикаву

сарлавҳаҳо, истифодаи ҳуруфоти рӯзномасозӣ, тасвиру сурат, ошкор намудани омилҳои таъсиррасон дар зуҳур ва ташаккули аломатҳои жанрҳои публитсистӣ, тарзи истифодаи жанрҳои публитсистӣ, нишон додани раванди шаклгирии жанрҳои ахбориву таҳлилӣ ва доманаи мавзӯоти инъикоснамудаи рӯзнома, муайян намудани омилҳои аз чоп бозмондани рӯзнома баррасӣ шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат мебошад. Дар муқаддима зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзӯъ асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ва методи таҳқиқ муайян шуда, арзиши назарӣ ва амалии он мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала ба манобеи илмию адабӣ равшан гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои пайдоиши «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он» унвон дошта, се фаслро дар бар мегирад.

Дар фасли аввали боби якум – «Адешаҳо доир ба заминаҳои пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф» дар асоси маводи муҳаққиқон ва шарқшиносони дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла С. Айнӣ, З. Раҷабов, И. Умняков ва дигарон, ки моҳияти заминаҳои пайдоиши нашрияи «Бухорои шариф»-ро равшан сохтаанд, заминаҳои нашри нахустрӯзнома баррасӣ гардида, ҳамзамон сарчашмаҳои таърихӣ ва нашрияҳои ибтидои асри XX дар раванди таҳқиқ барои хулосаҳои нави диссертант истифода шудаанд. Бо ин сурат мавзӯъ муфассал таҳлил ва арзёбӣ гардида, хулосаи илман асоснок пешниҳод шудааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур таҳқиқи масъалаи «Таъсиси «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он» сурат гирифта, тадорукоти қабл аз нашри рӯзнома, муассисону саромадони матбуоти тоҷик, шакли рӯзнома, қолаби рӯзномасозӣ, риоёи усулҳои рӯзномасозӣ, истифодаи унсурҳои рӯзномасозӣ, вижагиҳои шиносномаи рӯзнома, арзиши рӯзнома, қимати таблиғот, истифодаи аксу тасвир, раҳҳои ҷудокунандаи матни рӯзнома дар саҳифаҳо ва дигар махсусиятҳои «Бухорои шариф»-ро муайян намудааст.

Диссертант зимни таҳлилу таҳқиқи ин фасл маводе, ки дар ин замина аз ҷониби муҳаққиқон, аз ҷумла С. Айнӣ, А. Саъдуллоев, М. Муродов, О. Салимзода, А. Набавӣ, Қ. Мухторӣ ва дигарон дар давраҳои мухталиф нашр шудаанд, ба таври муфассал таҳлил намуда, мавқеу назари худро дар такя ба худи нашрия баён намудааст.

Дар фасли сеюми боби аввали диссертатсия «Омилҳои аз нашр бозмондани рӯзнома» матраҳ гардида, сабабҳои бозмондани нашри «Бухорои шариф» муайян гардидааст. Дар ин бахш таълифоти муҳаққиқон, ки ба масъалаи қатъи фаъолияти рӯзномаи «Бухорои шариф» марбут аст, муфассал таҳлил гардида, диссертант дар баробари се масъалае, ки устод С. Айнӣ дар ин маврид зикр намудааст, ҳамчунин се масъалаи дигар: мушкилоти молии нашрия, буҳрони фикрию ақидавӣ миёни ҳайати муассисону муҳаррирону ношир ва фалаҷ гардидани низоми идории рӯзномаро аз омилҳои баста шудани «Бухорои шариф» унвон намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» унвон гирифта, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал «Усули истифодаи жанрҳои хабарӣ дар рӯзнома» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант дар фасли мазкур маводи хусусияти иттилоотидоштаи рӯзномаро муайян намуда, маводи умумии нашрияро аз лиҳози жанрӣ тақсимбандӣ карда, маълум намудааст, ки зиёда аз 50 фисади матни рӯзномаро маводи дорои хусусияти иттилоотидошта ва тавъам ба жанрҳои ахборӣ ташкил медиҳад. Бо ҳамин тариқ, рӯзномаи «Бухорои шариф», ҳамчун сарофози матбуоти миллӣ тавонистааст, ки вобаста ба вақту замон маводеро ба нашр расонад, ки аз қолаби жанрҳои публитсистӣ берун набошад ва махсусан маводи иттилоотии он дар шаклҳои хабар, репортаж ва мусоҳибагунаҳо пешкаши хонандагон шудааст.

Дар фасли дуюми ин боб «Раванди шаклгирии жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзнома» арзёбӣ гардида, хусусиятҳои шаклию мазмунии жанрҳои

таҳлилӣ мавриди назари пурраи муҳаққиқ қарор гирифтааст. Диссертант баъд аз таҳлилу таҳқиқ ба хулосае омадааст, ки асоси ғоявии рӯзнома дар жанрҳои таҳлилӣ инъикос гардида, махсусан жанрҳои мақола ва мактуб дар рӯзнома истифодаи муфид шудаанд. Жанри мухбирнома бошад, гарчанде дар «Бухорои шариф» ташаккули жанрӣ надорад, вале унсурҳои жанрии он бозтоб ёфтааст.

Фасли сеюми боби дуюм «Аносири жанрҳои публитсистию бадеӣ дар «Бухорои шариф» ном дошта, маводи дорои хусусияти публитсистиву бадеӣ аз ҷумла, ибораву ташбеҳоти адабӣ («чоҳи мазаллат», «шоҳроҳи тараққӣ», «зери бори таън», «асири муштаҳиёти нафсия», «лаззати инсу муҳаббат», «тулӯи нури аъзам», «машъалҳои фурӯзони илму маърифат»), зуҳури жанрҳои фелетон ва лавҳаро мушаххас намудааст. Инчунин, ашъори публитсистии нашрия, ки бо хусусияти иҷтимоӣ ва афкори навин рӯи нашр омадаанд, чун бахше аз маводи адабии дорои хусусияти публитсистӣ муайян гардидааст. Дар маҷмӯъ, диссертант матни дорои хусусияти публитсистию бадеии рӯзномаро аз ҳисоби умумии матни «Бухорои шариф» муайян намудааст, ки наздик ба 5 фисади матни рӯзнома мебошад.

Дар қисмати хулоса муаллиф омӯзишу баррасӣ ва таҳқиқу таҳлили масъалаи пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» ва чигунагии аносири жанрии онро аз дидгоҳи нав ва бо далелҳои муътамад равшан сохтааст.

Аҳамияти амалӣ ва назариявии диссертатсияи пешниҳодшуда барои илмҳои риштаи филологияи тоҷик кам нест ва инро аз хулосаҳои илмии кор дарк карда метавонем. Маводи зиёди илмӣ ва наққодии истифодашуда аз камолоти илмии муаллифи диссертатсия маълумот медиҳад. Бо вуҷуди ин, диссертатсия аз камбудӣ ва норасоиҳо холӣ нест, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам мукаммал гардидани пажӯҳиш мегардад:

1. Дар баъзе аз нуктаҳои диссертатсия ғалатҳои техникӣ роҳ ёфтааст. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 7, 13, 47, 64 ва 135 иштибоҳоти техникӣ ба назар мерасанд;

2. Шояд барои кам кардани ҳаҷми иқтибосҳо бошад, ки дар баъзе аз бахшҳои диссертатсия иқтибосҳо кӯтоҳ карда шудаанд. Махсусан, дар қисмати ташаккули жанрҳои репортаж ва мактуб иқтибосҳои намунавӣ ихтисор ва кӯтоҳ шудаанд. Пурра овардани матн даъвои диссертант дар боби ташаккули репортаж ва мактуби публитсистиро ҷоннок менамояд. Ҳарчанд матни иқтибосӣ низ ин даъворо собит намудааст;
3. Дар руйхати адабиёт муҳаққиқони хориҷӣ кам нишон дода шудааст, ки шояд аз хусусияти миллӣ доштани мавзӯи диссертатсия бошад, вале таваҷҷуҳ ба сарчашмаҳои хориҷӣ бар нафъи илми публитсистика мебошад;
4. Дар қисмати замимаҳо ва махсусан дар бахши номгӯи рӯзномаҳо, ки аз рӯйи нишондодҳои библиографӣ оварда шудааст, хуб мешуд, ки дар паҳлуи санаи мелодии нашри рӯзнома, ҳамзамон, санаи ҳиҷрӣ низ, ки дар рӯзнома дарҷ шудааст, оварда мешуд.

Характери ҷузъӣ доштани эродҳои боло арзиши амалӣ ва назарии диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд. Муқоисаи муҳтавои автореферат бо диссертатсия ва ҳамчунон, мазмуну мавзӯи мақолаҳои чопнамудаи муаллиф нишон дод, ки онҳо ба пуррагӣ ба мавзӯи асосии таҳқиқ мувофиқат мекунанд.

Кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудиновичро дар мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта ва муҳимму мубрам медонад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф ёфтааст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи 27.08.2020, қарори №1 бо иштироки диссертант Атоев М. И. муҳокима гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори №1 аз 27.08.2020.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик
ва журналистикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Холиқова З. К.
Суроғаи электронӣ:
E-mail: mudir-72@mail.ru
Тел.: +992 918 67 08 50

Ташхисгар:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик
ва журналистикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Худойдодова Ш. З.

Котиби ҷаласа: Валиева М.

“Имзоҳои З. Холиқова, Ш. Худойдодова ва М. Валиеваро тасдиқ мекунам”:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.